# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ, доктори илми филология, профессори кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавии ДМТ ба диссертатсияи Алимов Фирдавс Худойдодович дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ-маъноӣ ва этимологии истилоҳоти тарҷумашиносӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302–Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) пешниҳод шудааст.**

Алимов Фирдавс дар соли 2016 факултети забонҳои Осиё ва Аврупо, шӯбаи англисӣ-арабиро хатм намудааст. Дар соли 2018 соҳиби дараҷаи илмии магистр аз ихтисоси забони англисӣ ва типологияи муқоисвавӣ гардидааст. Соли 2021 аз рӯйи барномаи доктори фалсафа (PhD) таҳсилотро дар кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавӣ ба итмом расондааст. Диссертатсияи Алимов Фирдавс дар кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавии факултети забонҳои Осиё ва Аврупои ДМТ анҷом дода шудааст.

Мавзуи «*Таҳлили сохторӣ-маъноӣ ва этимологии истилоҳоти тарҷумашиносӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ*» дар забоншиносии муқоисавии тоҷик то имрӯз мавриди таҳқиқи мушаххас ва алоҳида қарор нагирифтааст. Аз ин лиҳоз, оид ба актуалӣ будани мавзуи таҳқиқи Алимов Фирдавс ҳеҷ тардиде нест ва онро талаботи замон тақозо мекунад.

*Навгонии натиҷаҳои диссертатсия* дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст дар забоншиносии тоҷику англис вижагиҳои сохторӣ-маъноӣ ва этимологии истилоҳоти тарҷумашиносии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ таҳқиқ гардидаанд. Теъдоди истилоҳоти муҳимтарини соҳа таъин гардида, дар ин замина таҳлилу баррасии ҳамаҷонибаи чанде аз ин истилоҳот ба мисоли «translation – тарҷума», «equivalence – муодил», «translation norm – меъёри тарҷума» ва дигарон бо такя ба сарчашмаҳои муътамад дар рисола инъикос гардид.

*Эътимоднокии натиҷаҳои навини* кори диссертатсионӣ дар он зоҳир мешавад, ки вижагиҳои сохторӣ-маъноӣ ва этимологии истилоҳоти тарҷумашиносии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ бо такя ба фарҳангу луғатҳои боэътимод, хоса, фарҳангҳои этимологии забони англисӣ, русӣ, тоҷикӣ, форсӣ, луғати пурарзиши панҷҷилдаи этимологии забонҳои эронӣ, фарҳангҳои решашиносӣ, луғатҳои дузабонаи англисӣ-тоҷикӣ ва асарҳои бунёдии забоншиносии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар муқаддимаи диссертатсия роҷеъ ба муҳиммияти мавзуи таҳқиқ, зарурати интихоби мавзуъ, методи таҳқиқ, асосҳои методологии таҳқиқ, навигарии назариявии таҳқиқ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, дараҷаи

омӯзиши мавзуъ ва таҳлили адабиёти марбут ба мавзуъ, аҳаммияти илмӣ ва амалии таҳқиқ маълумот дода шудааст.

Дар боби аввали диссертатсия «*Заминаҳои назарии омӯзиши истилоҳоти тарҷумашиносӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ*» равишҳои назариявии истилоҳ ва, умуман, истилоҳот таҳлил шуда, нишонаҳои асосии истилоҳ, системаи истилоҳшиносӣ ва майдони он ба таври муфассал васф гардидаанд. Инчунин, шарҳи чанде аз асоситарин истилоҳоти тарҷумашиносии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ низ дар ин боб инъикос ёфтаанд.

Дар боби дуюм «*Таҳлили сохторӣ-маъноии истилоҳоти тарҷумашиносӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ*» сарчашмаҳои истилоҳоти тарҷумашиносии забонҳои таҳқиқшаванда оварда шуда, истилоҳоти соҳа аз лиҳози сохторӣ ва маъноӣ мавриди таҳқиқу таҳлил қарор дода шудаанд. Ҳамчунин, роҳҳои асосии калимасозии истилоҳоти тарҷумашиносии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ низ мушаххас гардидаанд.

Дар боби сеюм «*Таҳлили этимологии истилоҳоти тарҷумашиносӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ*» роҷеъ ба истилоҳоти тарҷумашиносии бароmади асл дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ ва нақши иқтибосот дар системаи истилоҳоти тарҷумашиносии забонҳои таҳқиқшаванда сухан меравад. Аз ҷумла, иқтибосоти юнонӣ-лотинӣ дар забони англисӣ, иқтибосоти фаронсавӣ дар забони англисӣ, иқтибосоти арабӣ дар забони тоҷикӣ ва инчунин, иқтибосоти русӣ ва байналмилалӣ дар забони тоҷикӣ мушаххас гардида, мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор дода шудаанд.

Хулосаю пешниҳодҳои муҳаққиқ, ки дар панҷ саҳифа ва 26 банд ҷамъбаст гардидаанд, натиҷаи заҳмат ва таҳқиқоти пуразиши диссертантро инъкос мекунанд. Хулосаҳои илмии зербобҳо ва хулосаи умумӣ дар заминаи таҳқиқи теъдоди зиёди вожаҳои забонҳои мавриди таҳқиққ аз ҷиҳати илмӣ асоснок мебошанд.

Мазмуну мухтавои бахшҳои асосии диссертатсияи мазкур дар конференсияҳои илмии солонаи устодону кормандони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (солҳои 2018-2021) баррасӣ гардидааст ва доир ба мавзуи рисола 5 мақолаи илмӣ, аз ҷумла чор адад дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванади КОА-и ҶТ интишор ёфтаанд. Мақолаҳои интишоршуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки Алимов Фирдавс пажӯҳишгари пухтарасида буда, метавонад натиҷаҳои таҳқиқоти худро ба доираҳои илмии забоншиносӣ бо муваффақият пешкаш кунад.

Умуман, диссертатсия дар сатҳи баланди илмӣ иншо шудааст ва ин аз он шаҳодат медиҳад, ки муаллиф дониши хуби маводи таҳқиқот ва адабиёти илмиро касб кардааст, як мутахасси пурра омодашуда мебошад, ки маводи таҳқиқи худро хуб медонад ва таҳқиқотро дар сатҳи муосири

илми забоншиносӣ анҷом додааст ва нисбати баъзе масъалаҳои баҳсталаб ақида ва диди хоси худро дорад.

Автореферати диссертатсия мазмуну муҳтавои рисолаи илмиро инъикос мекунад. Ҳар як се боби диссертатсия як таҳқиқи аҷиб ва замонавиеро бо мақсад ва вазифаҳои мушаххас мемонад, ки моҳияту аҳаммияти илмӣ ва амалии хосаи худро доро мебошанд.

Хулоса, диссертатсияи Алимов Фирдавс дар мавзуи «*Таҳлили сохторӣ-маъноӣ ва этимологии истилоҳоти тарҷумашиносӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ*» кори илмии анҷомёфта мебошад ва ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302–Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) пешниҳод шудааст, сазовор мебошад.

Роҳбари илмӣ: доктори илми филология,
профессори кафедраи забони англисӣ ва
типологияи муқоисавии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Мамадназаров А.

Нишонӣ: 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел: (992-372) 217711; (992) 93 771 50 60;
Факс: (991-372) 214884; Сайти ДМТ: www.tnu.tj

Сардори Раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.
18.04.2022